*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш, Душанбе, х. Борбад, 48/5)*

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниҳод шудааст**

## 1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Пешравиҳои соҳаҳои технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва фаъолияти иқтисодӣ дар башарият сохтори нави ташкилӣ ва институтсионалиро ташаккул дод. Иқтисодиёти шабакавӣ дар радифи соҳибкории шабакавӣ қарор дошта, шакли сифатан нави низоми иқтисодӣ ба шумор меравад ва пеш аз ҳама, мақсади асосии он ислоҳоти иқтисодӣ низ маҳсуб меёбад.

Иқтисодиёти шабакавӣ яке аз самтҳои асосии иқтисодӣ ва фаъолияти босуръат буда, имкониятҳои соҳибкориро нишон медиҳад. Аҳамияти иқтисодиёти шабакавӣ беназир буда, самаранокии низоми иқтисодиро таъмин менамояд, зеро он қобилият ва хусусияти эҷодкории соҳибкориро нишон медиҳад.

Соҳибкории шабакавӣ омили асосии рушди иқтисодии муосири рақамӣ (инноватсионӣ) мебошад, зеро мақсади рушди соҳибкорӣ дар кишвар, пайдо ва зиёд намудани фоида, бештар қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба молу хизматҳо мебошад.

Бинобар ин соҳибкории шабакавӣ технологияи нави фаъолият ва усули хоҷагидории бозорӣ мебошад ва рақобатпазирии иқтисодии вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд. Ин мубрамияти мавзӯи таҳқиқшавандаро нишон медиҳад.

**2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; 4. Пешгӯйии тағйироти сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; 5. Таҳқиқи фаъолияти соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ-идоракунӣ; 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи аломатҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; аз рӯйи миқёси фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.); 13. Ташкили низоми ҳамкории соҳибкории хурд ва калон. Ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавӣ бо назардошти мақсаднокии иқтисодии он. Франчайзинг ҳамчун намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ; 23. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани он мувофиқат мекунад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Навгониҳои илмии диссертатсия рушди назарияи соҳибкорӣ дар мисоли соҳибкории шабакавӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои истифода дар муҳити соҳибкории миллӣ мебошад.

Натиҷаҳои зерин муҳимтарин навгонии илмии таҳқиқот маҳсуб мешаванд:

1. Асосҳои назариявии иқтисодиёти шабакавӣ таҳлил шуда, мафҳуми нав пешниҳод шудааст: ин мукаммалтарин навъ ё худ шакли хоҷагидорӣ, тавассути истифода намудани шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, ташкил

намудани навъи дигари истеҳсолоти инноватсионӣ маҳсуб гашта, дорои самаранокии баланди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад. Дар асоси он замимаи рушди соҳибкории шабакавӣ нишон дода шудааст.

2. Самаранокии фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ба низоми нишондиҳандаҳои асосии соҳибкорӣ: зичӣ ва дараҷаи ҳамоҳангии шабака, зичӣ ва устувории робитаҳои тиҷоратӣ, тавозуни сохторӣ, дараҷаи расмисозии робитаҳои тиҷоратӣ дар соҳибкории шабакавӣ ифода шудааст.

3. Афзоиши самараи ҳамкории давлат бо бизнес, пешгӯйӣ ва ташаккули амалкарди соҳибкории шабакавӣ ва таъсири навъҳои инноватсионӣ такмили сохтории рушд ва ташаккули соҳибкории шабакавиро таъмин менамояд. Танзими давлатии соҳибкорӣ барои ҳамгироии ҷанбаҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, мавҷуд будани асимметрия ё маълумоти нокифоя ва эҳтимолии истифода ва ғайраро ба назар гирифта, ба рушди он таъсир мерасонад.

4. Роҳҳои баландсозии самараи фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории шабакавӣ аз муайянсозии талаботи иқтисодиёти Тоҷикистон, ҳамчунин талаботи иҷтимоӣ, иқтисодии аҳолӣ, стратегияи рушд, ҷойгирсозӣ ва ҷобаҷокунии қувваи истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ марбут мебошад.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсияи зикршуда**

Мақсади таҳқиқот ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли соҳибкории шабакавӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои таъмин кардани самаранокии он мебошад.

Барои ҳалли мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, аз методҳои умумии илмӣ: синтез, муқоиса, индуксия ва дедуксия, таҳлили оморӣ ва таҳқиқоти монографӣ истифода шудааст, ки асоснокӣ ва муътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудаанд.

Дар муқаддима муҳимияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва ҳадафи тадқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии рисолаи таҳқиқотӣ, методҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалии он, маводи таҳқиқот, гузориши натиҷаҳои он қарор гирифтаанд (с.5-13).

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқи иқтисодиёти шабакавӣ» асосҳои назариявии таҳқиқи иқтисодиёти шабакавӣ, равияҳои методии баҳодиҳии сармояи зеҳнии он ва таҷрибаи ҳориҷии ташаккул ва рушди иқтисодиёти шабакавӣ таҳлил шудааст (с.14-65).

Дар боби дуюм «Ҳолати муосир ва рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд» ҳолати муосири рушди соҳибкории шабакавӣ, соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат дар баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва самаранокии соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат омӯхта шудааст (с.66-109).

Дар боби сеюм «Такмили механизми рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон» мукаммалгардонии ҳамкории давлат ва тиҷорат, васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ва танзими давлатии он, ҷойгиркунӣ ва рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд баррасӣ шудааст (с.110-153).

Дар қисми хулосаи диссертатсия дар асоси таҳқиқоти доираи рисолаи диссертатсионӣ ба рушди соҳибкории шабакавӣ ва амалияи он дар шароити иқтисодиёти рақамӣ гузаронидашуда хулоса ва пешниҳодҳо инъикос ёфтааст (с.154-156).

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии Эшбоев Ҷ.А. ба рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли соҳибкории шабакавии кишвар мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти илмиро метавон барои рушди самараноки соҳибкорӣ дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кард.

Тавсияҳои методӣ ва амалии таҳия кардаи муаллиф дар хулосаҳои илмии бадастомада ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба татбиқи тадбирҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба рушди соҳибкорӣ, соҳибкории шабакавӣ дар давраи дигаргунсозӣ бо назардошти хусусият ва сатҳи рушди иқтисодиёти кишвар мебошад.

Ғайр аз ин натиҷаҳои рисолаи илмии дар раванди омӯзиши фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти корхона», «Иқтисодиёти соҳаҳо» бо мақсади тайёр намудани мутахассисони соҳаи иқтисодӣ (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти №01/8360 аз 08-уми декабри соли 2023) ва корхонаҳои саноатию-шабакавӣ вилояти Суғд истифода шудааст (маълумотнома таҳти № 22 аз 6-уми декабри соли 2023).

**5. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ва конференсияҳо нашр шудаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровавда шудааст ва бо забони илмии тоҷикӣ дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

**8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Дар маҷмӯъ бо назардошти аҳамияти илмӣ ба диссертатсияи мазкур баҳои мусбат дода мешавад. Аммо диссертатсия аз норасоӣ ва ҳолатҳои баҳсталаб холӣ нест.

1. Дар қисми назариявии рисолаи мазкур муаллиф қайд менамояд, ки "иқтисодиёти шабакавӣ барои тиҷорат, бастани шартнома, додугирифти маълумот ё навгонии шабакавӣ (ноу-хау), инчунин барои қонеъ кардани дархости онҳо зарур мебошад". Чунин маънидод мазмуни иқтисодиёт ва соҳибкории шабакавиро нопурра инъикос менамояд (с.16).

2. Дар расми 1.1.3. – Эволютсияи соҳибкории шабакавӣ пешниҳод карда шудааст, ки ба фикри мо таснифоти абстрактӣ дорад ва тадбиқи он дар амал нишон дода нашудааст (с.31).

3. Муаллиф дар зербоби 2.1. дар бораи рақамишавии соҳибкорӣ сухан рондааст, лекин мазмуни онро кушода надодааст;

4. Дар саҳифаи 146 муаллиф механизми мукаммалгардонидани ҳамкории давлат ва тиҷорат дар соҳибкории шабакавии вилояти Суғдро пешниҳод кардааст. Механизми пешниҳодшуда беҳтар мегардид, агар муаллиф ба он принсипҳо, усулҳо, воситаҳо ва консепсияҳои стратегияи рушдро ворид менамуд;

5. Диссертатсия аз камбудиҳои услубӣ холӣ нест.

Эроду тавсияҳои қайдшуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ

Диссертатсия дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ кори илмии баитмомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он – Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович

сазовори дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Мудири кафедраи назарияи**
**иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии**
**сайёҳӣ ва соҳибкории**
**Тоҷикистон, н.и.и.** **Тагаев Б. Ш.**

Имзои Тагаев Б. Ш.- ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи байналмилалии**
**сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷӯраев Ш.Н.**

03.02.2025с

**Суроға**: 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
тел: +992904384055, почтаи электронӣ: tagoev.87@list.ru